№20761/4.1.2 аз 02.12.2022

Мақомоти ҳудудии андоз

“Оид ба татбиқи муқаррароти қисми 4
моддаи 183 Кодекси андоз”

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти қисми 4 моддаи 183 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба меъёрҳои андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (минбаъд – андоз), мактуби дастурии мазкурро барои корбарӣ ва таъмини иҷро ирсол менамояд.

Мутобиқ ба талаботи қисми 4 моддаи 183 Кодекси андоз барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо, фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои мобилӣ ва фаъолият оид ба истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ, инчунин барои ҳама намуди фаъолияти дигар меъёри андоз муайян карда шудааст.

Барои мақсадҳои андозбандӣ фаъолияти соҳибкорие, ки даромад аз фурӯши молҳои (молу мулки моддии) аз ҷониби худи соҳибкор истеҳсолшуда ба даст омадааст, фаъолият оид ба истеҳсоли мол ба ҳисоб рафта, мутобиқ ба сархати якуми қисми 4 моддаи 183 Кодекси андоз нисбат ба чунин фаъолият меъёри 13 фоизаи андоз татбиқ карда мешавад.

Зимнан, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо амалӣ менамоянд, маблағи андозро нисбати чунин фаъолияти хоҷагидорӣ бо меъёри 20 фоиз ҳисоб ва пардохт менамоянд.

Дар баробари ин, қайд карда мешавад, ки субъектҳои хоҷагидори машғули фаъолият доир ба хизматрасонии алоқаи сайёри истифодаи умуми ҳамаи стандартҳо (хизматрасонии алоқаи кандуии мобилӣ), хизматрасонӣ оид ба интиқоли маълумот (аз ҷумла алоқаи телеграфӣ ва IP-телефонӣ), аз ҷумла тавассути шабакаҳои операторон, хизматрасонии хадамоти телематикӣ, аз ҷумла тавассути шабакаи интернетӣ,

хизматрасонии алоқаҳои телефонии байналмилалӣ (байнишаҳрӣ) тавассути шабакаҳои операторҳо ва хизматрасониҳои дигари шабеҳ, маблағи андозро бо меъёри 20 фоиз ҳисоб ва пардохт менамояд.

Инчунин, андозсупорандагоне, ки фаъолияти онҳо истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ мебошанд, мутобиқ ба талаботи сархати сеюми қисми 4 моддаи 183 Кодекси андоз меъёри андозро ба андозаи 18 фоиз ҳисоб ва пардохт менамоянд.

Тибқи талаботи сархатҳои 5 ва 6 қисми 3 моддаи 297 Кодекси андоз истихроҷи захираҳои табиӣ ин маҷмӯи корҳои ба берун баровардани канданиҳои фоиданок буда, коркарди онҳо ин корҳои марбут ба ҷудо намудани ҷузъҳои фоиданок аз ашёи хоми минералӣ мебошад.

Бинобар ин, мутобиқ ба талаботи зикршуда, ҳамагуна субъектҳои хоҷагидоре, ки дорои иҷозатнома (иҷозат) доир ба ҳуқуқи истифодаи қаъри замин буда, ба истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ машғуланд, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсоли семент, хишти пухта, истихроҷи омехтаи регу шағал ва ҷудо намудани он ба навъҳо ва дигар корҳо дар соҳаи қаъри замин уҳдадор мебошанд, ки аз даромади худ вобаста ба ин намуди фаъолият маблағи андозро бо меъёри 18 фоиз ҳисоб ва пардохт намоянд.

Ғайр аз ин, хотиррасон менамоем, ки меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ барои дигар намудҳои фаъолият, аз ҷумла фаъолият оид ба таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо ба истиснои сархатҳои 2 ва 3 қисми 4 моддаи 183 ба андозаи 18 фоиз муқаррар карда шудааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки бо мақсади дар амал дуруст табтиқ гардидани муқаррароти моддаи 183 Кодекси андоз, пешгирии ҳамагуна амалҳои саркашӣ аз дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, ҷиҳати ба самъи андозсупорандагон расонидани муҳтавои мактуби дастурии мазкур чораҷӯӣ намоянд.

Раис Н. Давлатзода